**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Обидов Рустам Ҳошимович дар мавзӯи «Бойгонии минтақавии Ҳисор ҳамчун сарчашмаи муҳимми омӯзиши таърихи навтарини Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ (илмҳои таърих).**

Мубрамияти мавзӯи диссертатсионии Обидов Рустам Ҳошимович дар мавзӯи «Бойгонии минтақавии Ҳисор ҳамчун сарчашмаи муҳимми омӯзиши таърихи навтарини Тоҷикистон» пеш аз ҳама дар он зоҳир мегардад, ки он аз ҷиҳати илмӣ-назариявӣ ва амалии мавзӯи таҳқиқот, мақсад ва вазифаҳои он, дараҷаи омӯзиш, мавҷудияти сарчашмаҳо, давраҳо, назария ва усулҳои истифодашуда ва натиҷаҳои асосии бадастомада зикр шудаанд.

Дар рисолаи мазкур мундариҷаи асосиро барқароршавии ҳокимияти Шӯравӣ дар водии Ҳисор, таъсиси бойгониҳо ва фаъолияти онҳо, маълумот оид ба Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва азнавбарқароркунии баъдиҷангӣ дар заминаи ҳуҷҷатҳои филиали Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Ҳисор ва адабиёти илмие, ки ин масъалаҳоро инъикос кардаанд, ташкил медиҳад.

Омӯзиши маҷмӯии таърихи навтарини Тоҷикистон дар асоси ҳуҷҷатҳои бойгонии минтақавии Ҳисор ва муайянсозии роҳҳои ташаккули филиали бойгонии марказии ҷумҳурӣ дар шаҳри Ҳисор - ҳамчун қисми таркибии Бойгонии миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон меҳвари таҳқиқоти муаллифро ташкил додаанд.

Муаллиф ҳамчунин ба манбаъҳои пуркунӣ ва таркиби хазинаҳои филиали Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Ҳисор, таъмини ҳифз, нигаҳдорӣ ва истифодаи ҳуҷҷатҳо, санҷиш, барқарорсозӣ ва ташхиси арзишнокии онҳо, инчунин тавзеҳи хазинаҳои бойгонии минтақавии Ҳисор ҳамчун манбаъи таҳқиқи таърихи навини Тоҷикистон таваҷҷуҳи хоса зоҳир кардааст.

Диссертатсияи мазкур аз муқаддима, ду боб, ҳашт зербоб, хулоса, тавсияҳо, феҳристи манбаъҳо ва адабиёти истифодашуда иборат буда, ҳар як банди мавзӯъ мавриди таҳқиқ натиҷагирӣ карда шуда, тавсияҳо ҷиҳати истифодаи амалии натиҷаҳои ба дастомада ва рушди минбаъдаи бойгонии минтақавии Ҳисор пешниҳод гардидаанд.

Муаллиф ба маврид хулосае меояд, ки бойгонӣ воқеъан маҳфуздори сарчашмаҳои нодири дорои аҳамияти сиёсӣ, фарҳангӣ, маданӣ ва хоҷагидорӣ буда, бойгониҳои минтақаи Ҳисор низ дар бобати худ дар канор нест.

Дар маҷмӯъ, таҳқиқоти диссертатсионии Р.Ҳ.Обидов дар мавзӯи «Бойгонии минтақавии Ҳисор ҳамчун сарчашмаи муҳимми омӯзиши таърихи навтарини Тоҷикистон» ба талаботи пешбининамудаи бандҳои 10-16 "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016, №505 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Диссертатсияи мазкур таҳқиқоти пурра анҷомёфта ба шумор рафта, муаллифи он Р.Ҳ.Обидов сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ (илмҳои таърих) мебошад.

***Муаллими калони кафедраи фанҳои ҷамъиятии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, номзади илмҳои таърих:*** ***Усмонов Неъматҷон Насимович***

***Имзои номзади илмҳои таърих Н.Н.Усмоновро тасдиқ менамоям:***
***Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДДҲБСТ*** ***Мирпочоев И.Ҳ.***
***26.12.2022с.***

***Суроға: 735700, ш.Хуҷанд, мкн.17.х.1***
***Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсатиТоҷикистон***
***Моб: (93)563-30-33***
***Тел: +9923422 23811***
***E-mail:imon_2011@mail.ru***